# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзӯи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа, Душанбе. 2025, 172 саҳ.**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзӯи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – таърихи фалсафа, пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, мутобиқ мебошад.

2. **Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Ҷабборова В.Ҳ. ба яке аз масъалаҳои мубрами илмии таърихи фалсафаи тоҷик – фалсафаи амалии Аҳмади Дониш бахшида шудааст, ки дар он бештар паҳлуҳои гуногуни фалсафаи иҷтимоӣ ва ақидаҳои маорифпарварии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки камолоти иҷтимоии инсон маҳз дар ҷомеа сурат мегирад, зеро инсон дар раванди зиндагиаш ташаккул меёбад. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки нуктаҳои муҳимми фалсафаи амалии Аҳмади Дониш ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудун мебошанд, ки дар ин бахшҳо маорифпарвар паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсонро баррасию таҳлил менамояд. Ӯ инсонро нисбат ба дигар мавҷудоти зинда бартар мешуморад ва таъкид менамояд, ки одамон бояд ба ҳамдигар барои муваффақ гаштан ба ҳадафҳо, иқболу саодат, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, ободии мулк, таъмини баробарии иҷтимоӣ ва ғайра дасти мадад расонанд. Ба маънои дигар, инсон мавҷуди ғайрифаъол, нотавон нест, балки имкониятҳои васеи фикрию ҷисмониро дорост. Метавонад бо неруи азими зеҳнию ақлӣ ба табиату ҷомеа дигаргунӣ бахшад.

Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсия метавонад дар таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ таъсири мусбӣ расонад, ки ин мубрамият ва зарурияти онро нишон медиҳад.

3. **Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷабборова В.Ҳ. дар муҳити илмӣ-фалсафӣ аз зумраи таҳқиқоте мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии фалсафаи маорифпарварии Аҳмади Дониш мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои илмии мутафаккирони тоҷик ва андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд.

4. **Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба пахлуҳои мухталифи фалсафаи амлмм Аҳмади Дониш, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо

ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо асос меёбад.

5. **Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзӯи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш»** кори таҳқиқотии анҷомдодашуда буда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 172 саҳифаро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки **дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шуданд. Инчунин дар муқаддима асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дараҷаи татбиқи таҳқиқот нишон дода шудаанд.

Боби якуми таҳқиқот, ки ҳамчун **«Аҳмади Дониш - бунёдгузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна»** номгузорӣ шудааст аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур, муаллиф доир ба маорифпарварӣ ҳамчун равияи иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва заминаҳои пайдоиши ин падидаи иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна изҳори назар кардааст. Инчунин дар боби мазкури диссертатсия манбаъҳое, ки барои ташаккули ҷаҳонбинӣ, афкори маорифпарварӣ-озодандешии Аҳмади Дониш таъсир гузоштаанд, зикр гардидааст.

Қобили зикр аст, ки дар ин боб муаллиф кӯшиш намудааст, ки таносуби донишу илм ва таснифоти илмҳо дар таълимоти Аҳмади Донишро таҳлил намуда, назари мутафаккирро нисбати таснифоти илмҳо муайян месозад.

Ба андешаи муҳаққиқ, Аҳмади Дониш силсилаи илмҳоро ба ду бахши асосӣ: назарӣ ва амалӣ ҷудо мекунад. Ба силсилаи илмҳои назарӣ илмҳои фалсафа, таърих, мантиқ, ҳуқуқ, риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, табиатшиносӣ, ҷуғрофия, маъданшиносӣ, калом, фиқҳ, тасаввуф ва ғайраро шомил медорад. Илмҳои ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсатро бошад, маорифпарвар ба шохаҳои илмҳои амалӣ дохил мекунад. Дар ин боб муаллиф қайд намудааст, ки Аҳмади Дониш махсусияти касбу пешаҳоро, ки марбут ба қишрҳои мухталифи аҳолӣ мебошанд, ба пешаҳои аҳли сайф ва аҳли касбу ҳунар ҷудо менамояд.

Мавзӯи асосии диссертатсия дар боби дуюм, ки **«Тамоилгирии фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» ном дорад,** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин боб муаллиф мақоми илми ахлокро, ки ҷузъи ҷудонашавандаи фалсафаи амалӣ мебошад, таҳлил намудааст. Ба андешаи вай ахлоқ - илми амалӣ буда, такмилдиҳанда ва танзимкунандаи рафтор, кирдор, хулқу хӯй ва фаъолияти одамон дар ҷомеа мебошад.

Ҳамзамон дар ин боб муаллиф назари Аҳмади Донишро оид ба масъалаҳои бунёди оила, вазифаҳои оила дар ҷомеа, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, вазифа ва ӯҳдадориҳои фарзанд дар оила, дахолати волидайн ва хешу табор ба зиндагии шахсии фарзандон, омилҳое, ки боиси устувор ё худ ноустувории оила мегарданд, таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Махсусан бино ба ақидаи муаллиф, Аҳмади Дониш оиларо ҷузъи асосии ҷомеа шуморида кайд мекунад, ки он дар ҷомеа вазифаҳои тавлиди насл, боқӣ гузоштани авлод, бақо ва рушди ҷомеаро иҷро мекунад.

Ҳамзамон муаллиф дар дисертатсия таъкид мекунад, ки зарурати бунёди оила дар ҷомеа, мушаххас кардани ӯҳдадорӣ ва вазифаҳои аъзои оила дар хонавода, муайян кардани вазифа ва ӯҳдадориҳои падару модар дар таълиму

тарбияи фарзанд, муайян кардани ҳуқуқҳои фарзанд нисбат ба волидайн, нақши модарзан ва модаршӯ дар тағйирёбии муносибатҳои оилавии фарзандон ва ғайра масъалҳое мебошанд, ки бевосита ба фалсафаи манзилдории Аҳмади Дониш иртибот доранд.

Ҳамзамон дар боби дуюми диссертатсия қайд гардидааст, ки воқеан Аҳмади Дониш дар аксар маврид, дар асарҳояш роҷеъ ба ислоҳоти ҷамъиятӣ ва пешбурди адолат дар низоми идоракунии давлат изҳори назар намудааст, ки афкори ӯ имрӯз ҳам аҳамияти хосси худро нигоҳ медоранд ва ҳамчун як манбаи муҳимми таҳқиқоти илмӣ хидмат мекунанд. Инчунин дар асоси таҳлил ва баррасии муаллиф, Аҳмади Дониш дар асарҳои худ, дар қатори дигар шохаҳои фалсафаи амалӣ ба фаҳмиши мафҳуми сиёсат ва таҳлилу баррасии низоми идоракунии ҷомеа ҳамчун масъалаи калидии фалсафаи амалӣ таваҷҷуҳ медиҳад. Махсусан, дар доираи талаботи мавзуъ андешаҳои Аҳмади Дониш дар бораи фаҳмиши мафҳуми сиёсат, муносибати подшоҳ бо халқ ва амалдорони давлатӣ, таъмини амнияту суботи ҷомеа, барқарордории адолат, усулҳои идоракунии ҷомеа, истифодаи манбаҳои табиии кишвар ва коркарди саривақтии онҳо барои дурнамои рушди Аморати Бухоро ва ғайра таҳлилу таҳқиқ карда шудаанд.

Маҳз дар боби мазкур, муаллиф Аҳмади Донишро файласуфи амалгаро ва ислоҳотхоҳ меҳисобад. Қайд мекунад, ки аз нигоҳи маорифпарвар танҳо тавассути ислоҳоти амиқ ва идоракунии самарабахш метавон ба пешравии воқеии ҷамъият нойил гардида, адолати иҷтимоиро таъмин намуд. Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф афкори Аҳмади Дониш на танҳо барои замони худ, балки барои наслҳои оянда низ аҳамияти бузург дошта, барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сиёсат ва идораи давлатӣ ҳамчун манбаи илмӣ ё роҳнамо хизмат карда метавонанд.

**Хулоса аз даҳ банди натиҷагирӣ ва се банди тавсиявӣ иборат мебошад.** Дар хулоса муаллиф кӯшиш намудааст, ки натиҷаи таҳлилу баррасии масъалаҳои фалсафаи амалии Аҳмади Дониш: ахлоқ, манзилдорӣ ва сиёсати мудунро, ки дар таҳқиқот мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, нуктаҳои муҳимро дар шакли хулоса дар даҳ банд баён намудааст.

Ҳамзамон муаллифи диссертатсия фалсафаи амалии Аҳмади Дониш ва аҳаммиятнокии онро дар замони муосир барои ҷомеаи тоҷикистонӣ зарур72 дониста, дар се банд, яъне вобаста ба аҳлоқи ҷомеа, оила ва сиёсат тавсияҳоро манзур менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии Ҷабборова В.Ҳ. дар мавзӯи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ахлоқи ҷомеа, пойдории институти оила ва идоракунии давлат истифода карда шаванд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуҳои назариявӣ, таърихӣ-фалсафӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти оила, роҳҳо ва механизмҳои ҳифз намудани он бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва махсусан илмҳои фалсафӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода

мегардад, ки дар фаъолияти ҷиҳати солимнигоҳдории муносибатҳои оилавӣ ва тарбияи маънавии насли наврас ва ҷавон, метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро истифода бурд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои фалсафа, этика, сотсиология, маърифати оиладорӣ ва ғайра истифода бурда шаванд.

Ногуфта намонад, ки натиҷаҳои бадастомада, хулосаю тавсияҳои кори таҳқиқотӣ барои масъулини ниҳодҳои давлатӣ, кормандони соҳаҳои маориф ва фарҳанг, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти *ташаккул додани тафаккури сиёсии шаҳрвандон, ба танзим* даровардани меъёрҳои ахлоқӣ, раванди таълиму тарбия насли наврас, иҷрои вазифаю уҳдадориҳои волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд ва ғайра аҳамияти назариву амалӣ доранд. Чунки татбиқ кардани ин рукнҳо робитаро байни се ниҳоди асосӣ: оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа мустаҳкам мегардонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар се мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии эътирофкардаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гаштаанд, инъикос ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҷабборова Вазира Ҳасановна дар мавзӯи «Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш» ба талаботи шиносномаи тахассус: 09.00.03 - таърихи фалсафа ва ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст мутобиқат мекунад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки муҳтавои диссертатсияро ифода мекунад, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар қисмати мубрамияти мавзӯи баррасишаванда гарчанде, ки аҳамиятнокии мавзуъро асоснок карда бошад ҳам, вале он номушаххас баён гардидидааст Аз ин рӯ, масъалаи мазкур аз муаллиф шарҳу тавзеҳи иловагиро талаб менамояд.

2. Дар баррасии хусусиятҳои равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна муаллиф кӯшидааст, ки ин ҷараёнро бо маорифпарварии аврупоӣ муқоиса намуда, нуктаҳои асосии фарқи онҳоро муайян намояд (саҳ.20-24). Аммо баъзе ҷанбаҳои равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна дар диссертатсия норавшан боқӣ мондааст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Ҷабборова Вазира Ҳасановна** дар мавзуи «**Ҷойгоҳи фалсафаи амалӣ дар таълимоти Аҳмади Дониш**» аз рӯйи ихтисоси **09.00.03. – таърихи фалсафа** пешниҳод гардидааст, дар сатҳи илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
Ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон
ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа
Нуъмон ибни Собит **Зокирзода Н.М.**

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ, 58/1,
**Тел.:** (+992) 908-90-85-15; **E-mail:** nusrat68@mail.ги

Имзои Зокирзода Н.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДИТ
ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа
Нуъмон ибни Собит **Ҷомадов Х.А.**

**Суроғаи муассиса:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шодмонӣ, 58/1,
**Тел.:** (+992-37) 224-22-36; **E-mail:** islamtaj@mail.ru
«20» майи 2025 с.